**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ таҷассуми ақидаву ғоя, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ буда, аз ҷониби халқ дар давоми асрҳо ба миён омадааст ва, барҳақ, дар ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас аҳамияти муҳим дорад. Тарбияи шаҳрвандӣ ва миллии хонандагон масъалаи хеле муҳим буда, барои баланд бардоштани маърифатнокӣ ва ҳисси ватандӯстии онҳо, дар ин замина боло бардоштани нерӯи иҷтимоӣ ва иқтисодиёти кишвар мақоми хоса дорад. Тарбияи шаҳрвандӣ бо истифода аз таҷрибаи насли калонсол дар ниҳоди хонандагон тақвият додани анъанаҳои миллии гузаштагон, аз ҷумла, ватандӯстӣ, гиромидошти анъанаҳои ниёгон, одамият, эҳтироми калонсолон, меҳмондӯстӣ ва амсоли онро дар назар дорад.

Масъалаи ҷустуҷӯи роҳҳои тарбияи шаҳрвандии хонандагон мавриди таваҷҷуҳи хосаи олимон қарор гирифтааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароит дар ташаккулёбӣ ва мутобиқшавии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ медиҳад.

Тарбияи шаҳрвандӣ ва хештаншиносӣ ташаккули тафаккури миллии хонандагон, ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, эҳёи нишонаҳои миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ густариши забони модарӣ, илму фарҳанги миллӣ ва эҳтироми қавму миллатҳои дигарро рукни муҳимми раванди таълиму тарбия маҳсуб медонад.

Рисолаи пешниҳодшуда масоили назариявӣ ва педагогӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилот ва таъмини таълими самаранок тавассути худомӯзии хонандагонро дар назар дорад.

Асоси таҳқиқоти унвонҷӯйро баррасии озмоишҳои илмии олимони хориҷиву ватанӣ оид ба масъалаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон

тавассути худомӯзӣ ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯй дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додаст.

Дар муқаддима муаллиф муҳимияти мавзуъ, мақсади таҳқиқот, макон, фарзия, вазифаҳои дар назди худ гузошта, кушодани усулҳои таҳқиқ, истифодаи навгониҳои илмӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии кор, ки асоси таҳқиқоти илмиро муайян мекунад, зарурияти амалӣ кардани онҳоро дар таҷриба ифода мекунад.

**Боби якуми диссертатсия** - «Таҳқиқи масъалаҳои педагогӣ-назариявии таҳқиқи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» - таҳлилу омӯзиши масъалаҳои мазмуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҷумҳуриродар бар мегирад.

Дар идомаи таҳқиқ муҳаққиқ ба масъалаҳои анъанаҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик, имкониятҳои рушди шахсияти онҳо тавъам бо арзишҳои умумибашарӣ, сарчашмаи абадие, ки тамоюлҳои асосии корҳои таълиму тарбияро дар муассисаҳои таҳсилоти миёна муайян менамоянд ва ташаббусҳои бисёр муҳимеро ба мисли кишваршиносӣ, таҷдиди ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва ҳифзи онҳо, осори бадеӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таваҷҷуҳ намудааст.

**Боби дуюми диссертатсия** - «Модели педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути худомӯзӣ» мебошад. Масъалаҳое, ки дар боби мазкур баррасӣ мегардад, коркард ва татбиқи модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ дар оила, самарабахшии мундариҷа ва модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ба шумор меравнанд.

Ба андешаи муҳаққиқ тарбияи шаҳрвандии насли наврас раванди ниҳоят масъулиятнок ва ҷиддӣ буда, дар муносибати ӯ ба имрӯзу ояндаи ҷомеа таъсир мерасонад. Бо дарки ин масъулият омӯзгоронро зарур аст, ки кори таълиму тарбияро бо роҳу усули босамар ва равиши педагогӣ ба роҳ монанд.

Қайд мегардад, ки худомӯзӣ фаъолияти мустақилонаи огоҳона ва мунтазами инсон аз болои худ ба мақсади ташаккули хусусиятҳои зарурии шахсӣ ва касбӣ, тарбияи сифатҳои баланди маънавӣ, дарёфти камолоти ҷисмонӣ, таҳким бахшидани қобилияту малакаҳои касбӣ, аз

худ кардани малакаи идора намудани раванди худтакмилдиҳӣ дар асоси таҷрибаи худ ба шумор меравад. Ба ҷумлаи масъалаҳои асосии методологии тарбияи шаҳравандӣ бо усулҳои худомӯзӣ, метавон, проблемаи ҳамгиросозии байнифаннии машғулиятҳо ва махсусиятҳои истифодаи усулҳои умумиилмиро дохил кард.

Хулоса, кори илмию таҳқиқотии пешниҳоднамудаи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» таҳқиқоти ба анҷомрасида буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
омӯзгори кафедраи педагогикаи
умумидонишгоҳии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Сатторов А.Қ.

28.08.2024

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, (+992) 901408848;
E-mail: asroriddin@mail.ru

Имзои Сатторов А.Қ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.